# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

1. Мубрамияти мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар таърихи давлатдории мо тоҷикон таърихи қадима дошта бошад ҳам, ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баъди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ рушд гардидаст.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии ҳар як кишвар мақом ва нақши муассири хешро доро мебошад, ки таҳқиқ ва омӯзиши он баҳри таҳкими давлатдорӣ, рушди қонунгузорӣ ва шинохту мақоми ҳуқуқии давлатро дар арсаи байналмилалӣ нишон медиҳад.

Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо унсури хориҷӣ торафт мураккаб гардида, эҳтиёҷ ба танзими дурусти соҳаи ҳуқуқӣ дорад, зеро муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ функсияи танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дониста шуда, ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар марҳилаи ташаккул қарор дошта ва барои Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар таҳқиқи мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ диққати махсус доданд, аммо аксари муаллифон дар шароити шуравӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд, ки дар он давраҳо талаботу қонунҳо дигар буданд. Дар замони муосир ҳама чиз ва муносибатҳо ба куллӣ тағйир ёфтааст. Инчунин аввалин таҳқиқоти илмӣ вобаста ба

мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин, зарурати таҳқиқи мушкилоту ҳалли масъалаҳои мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, таҳияи асосҳои назариявии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, муайян кардани мафҳум ва моҳияти он, муайян кардани имконияти истифодаи меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрҳои коллизиёнӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ ба миён омадаст.

Дар партави гуфтаҳои дар боло зикргардида, мақсаду ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили амиқи монографии мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, ҳамчунон роҳҳои имконпазирии такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва нуфузу мартабаи давлатро дар ҷомеаи мутамаддини байналмилалӣ медонад.

Мавзуи интихобнамудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароити муосири рушди низоми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ё.М., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровард шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Абдуллозода Ё.М., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад. Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ карда шудаст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки Шурои диссертатсионии 6D.KOA–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждане; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Раупова Манзура Турсуновна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Аминова Фарида Маҳмадаминовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия,

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ғаюрзода Ш.К.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Муртазозода Ҷ.С.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сангинзод Д.Ш.

Имзоҳои Ғаюрзода Ш.К., Муртазозода Ҷ.С.
ва Сангинзод Д.Ш.–ро тасдиқ
мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«17» 02 соли 2025

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ